آوازتاجیک

*Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Баниӣ одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

**18 июли соли 2026**
**Шанбе**
**№ 57**
**(15276)**

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# АҲАМИЯТИ ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИИ АМАЛИИ БО ОЗАРБОЙҶОН ТАЪКИД ГАРДИД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев вазири иқтисоди Ҷумҳурии Озарбойҷон Микаил Ҷаббаровро, ки бо сафари корӣ ба кишвари мо омадааст, ба ҳузур пазируфт.***



*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

Дар оғози мулоқот меҳмони олиқадр салому паёмҳои самимӣ ва орзуҳои неки Президенти Озарбойҷон Илҳом Алиевро ба роҳбари давлати мо расонд.

Зимни суҳбат масъалаҳои муҳими рушди минбаъдаи муносибатҳои шарикии стратегӣ ва ҳампаймонии байни Ўзбекистону Озарбойҷон, пеш аз ҳама дар соҳаи тиҷорату иқтисод, баррасӣ гардиданд.

Соли гузашта ҳаҷми гардиши мол миёни ду кишвар 15 фоиз афзоиш ёфта, аз аввали соли ҷорӣ бошад, ин нишондиҳанда қариб 40 фоиз зиёд шудааст.

Дар айни замон лоиҳаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои девелопмент, энергетика, геология, логистика, молия, маҷмааи сўзишворӣ, саноати нассоҷӣ, сайёҳӣ ва дигар бахшҳо, аз ҷумла бо иштироки Ширкати муштараки сармоягузорӣ амалӣ мегарданд.

Зарурати омодасозии ҳамаҷонибаи рўзномаи иқтисодии мулоқотҳои дарпешистодаи сатҳи олӣ таъкид гардид.

Дар ин замина ба натиҷаҳои ҷаласаҳои Комиссияи байниҳукуматӣ ва Шўрои соҳибкорон, ки баргузор шуданд, баҳои баланд дода шуд. Ҳамчунин зарурати таъмини самаранокии Форуми минтақаҳои ду кишвар, ки ба нақша гирифта шудааст, махсус қайд гардид.

**ЎзА.**

# МУРОҶИАТҲО ДАР СОҲАИ СЎЗИШВОРИЮ ЭНЕРГЕТИКӢ ТАҲЛИЛ ШУДАНД

***Ба Президент Шавкат Мирзиёев оид ба муроҷиатҳои шаҳрвандон дар соҳаи сўзишворию энергетикӣ ва тадбирҳои бартараф намудани мушкилоти дар онҳо дар доираи омодагӣ ба мавсими тирамоҳу зимистон зикршуда маълумот пешниҳод гардид.***

Дар таъмини устувории таъминоти аҳолӣ бо неруи барқ ва гази табиӣ таҳлили муроҷиатҳои шаҳрвандон, муайян кардани мушкилот дар маҳалҳо ва андешидани чораҳои мақсаднок аҳамияти муҳим дорад.

Дар нимсолаи аввали соли 2026 ба масъалаҳои марбут ба маҷмааи сўзишворӣ ва энергетика 39 ҳазору 220 муроҷиат ворид шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 13 ҳазору 820 адад ё 26,1 фоиз камтар мебошад.

50 фоизи ин муроҷиатҳо ба масъалаҳои таъминот бо гази табиӣ ва гази моеъ, 38,3 фоиз ба таъминоти неруи барқ вобастаанд.

Дар муроҷиатҳои шаҳрвандон бештар масъалаҳои пур кардани баллонҳои гази моеъ, қатъшавии таъминоти неруи барқ, сохтмон ва таъмири шабакаҳои барқ, инчунин паст будани фишори гази табиӣ матраҳ гардидаанд.

Бо вуҷуди коҳиш ёфтани шумораи умумии муроҷиатҳо таъкид шуд, ки ҳар як муроҷиат бояд на ҳамчун ҳолати алоҳида, балки ҳамчун нишонаи мавҷудияти мушкилот дар минтақа, соҳа ё хизматрасонии муайян арзёбӣ гардад.

Дар арафаи мавсими тирамоҳу зимистон вазифа гузошта шуд, ки маҳаллаҳо ва иншооте, ки дар онҳо муроҷиатҳои такрорӣ зиёданд, мавриди омўзиш қарор гирифта, вазъи техникии шабакаҳои барқ ва газ санҷида шавад ва барои бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда дар ҳар як минтақа нақшаҳои мушаххас таҳия карда шаванд.

Ҳамчунин зарурати таъмири шабакаҳои барқ ва зеристгоҳҳои трансформаторӣ, пеш аз ҳама дар ҷойҳое, ки қатъшавии нерўи барқ бештар мушоҳида мешавад, баланд бардоштани омодагии гурўҳҳои фаврӣ, таъмини устувории газрасонӣ дар маҳалҳои дорои мушкилоти фишори газ таъкид гардид.

Илова бар ин, ба зарурати риояи қатъии ҷадвали пур кардан ва расонидани баллонҳои гази моеъ ба аҳолӣ, инчунин сафарбар намудани захираҳо ва имкониятҳои иловагӣ дар ноҳияҳое, ки талабот ба ин навъи сўзишворӣ бештар аст, ишора гардид.

Сарвари давлат таъкид намуд, ки мушкилоти доимие, ки дар муроҷиатҳои шаҳрвандон бардошта шудаанд, бояд то оғози мавсими тирамоҳу зимистон пурра бартараф карда шаванд. Барои ин зарур аст, ки корҳо дар ҳамоҳангӣ бо ҳокимиятҳои маҳаллӣ, «ҳафтгонаи маҳалла» ва ташкилотҳои хидматрасонии коммуналӣ ба таври мунтазам ба роҳ монда шаванд.

Барои сари вақт ва босифат анҷом додани корҳои омодагӣ ба мавсим, таъмини устувори таъминоти аҳолӣ ва иншооти иҷтимоӣ бо гази табиӣ ва моеъ, инчунин дигар намудҳои захираҳои сўзишворӣ дастурҳо дода шуданд.

**ЎзА.**

# ЛОИҲАҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ СОҲАИ ФАРҲАНГ ВА САНЪАТ МУАРРИФӢ ШУДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев 17 июл бо рўнамоии лоиҳаҳо ва чорабиниҳое шинос шуд, ки ба рушди фарҳанг ва санъат, ҳифзи мероси миллӣ ва муаррифии густурдаи он дар арсаи байналмилалӣ нигаронда шудаанд.***

Дар оғоз нақшаҳои муаррифии мероси бостоншиносӣ ва илмӣ, инчунин асарҳои санъати амалии Ўзбекистон дар осорхонаҳо ва майдонҳои намоишии бонуфузи ҷаҳон баррасӣ гардиданд.

Аз ҷумла, моҳи сентябри соли 2026 дар Осорхонаи санъати исломӣ дар шаҳри Доҳа баргузории намоишгоҳи «Uzbekistan: Heritage in Motion», моҳи ноябри соли ҷорӣ дар Бунёди Prada дар шаҳри Милан намоишгоҳи байналмилалии бостоншиносӣ таҳти унвони «Global Antiquity» бо экспонатҳои нодири Ўзбекистон ба нақша гирифта шудааст. Дар соли 2027 дар Палатсо Гримании Венетсия ва Осорхонаи миллии Нара дар Ҷопон зиёда аз 200 бозёфти бостоншиносӣ, ки таърихи кишвари моро аз асри биринҷӣ то аввали асрҳои миёна инъикос мекунанд, ба намоиш гузошта мешаванд. Ҳамчунин, дар Палатсо Реале дар Милан беш аз 150 экспонат, аз ҷумла намунаи ҳунари зардўзӣ, сўзана, икат, заргарӣ ва дигар осори санъати амалӣ муаррифӣ хоҳанд шуд.

Инчунин нақшаҳои баргузории намоишгоҳ дар шаҳри Флоренсия, ки ба ҳаёт ва мероси илмии Абўалӣ ибни Сино бахшида мешавад, ҳамчунин татбиқи лоиҳаҳои муштарак бо муассисаҳои пешрафтаи фарҳангии Ҷопон, Британияи Кабир, Чин, Арабистони Саудӣ ва дигар кишварҳо пешниҳод гардиданд.

Ба масъалаҳои тармими ёдгориҳои мероси фарҳангӣ таваҷҷуҳи махсус дода шуд. Дар қасри князи бузург Николай Романов таъсиси филиали Осорхонаи давлатии санъати Ўзбекистон пешбинӣ гардидааст. Дар ин раванд намуди таърихии маҷмаа пурра ҳифз шуда, намоишгоҳи доимӣ бо тақрибан 300 нигора ташкил хоҳад шуд.

Дар хона-осорхонаи Мухтор Ашрафӣ корҳои тармими фасад ва дохили бинои таърихӣ идома дошта, экспозитсия низ навсозӣ мегардад. Осорхона бо низомҳои муҳандисии муосир, воситаҳои амниятӣ, таҷҳизоти назорати иқлим, воситаҳои мултимедиявӣ ва студияи сабти овоз таъмин хоҳад шуд.

Дар ҷараёни рўнамоӣ натиҷаҳо ва нақшаҳои минбаъдаи пешниҳоди операи «Тамерлано» дар саҳнаҳои бонуфузи ҷаҳон низ баррасӣ гардиданд.

Имсол ин асар дар саҳнаҳои операи Дубай, толори «Музикферайн» дар Вена, Театри Мариинский дар Санкт-Петербург ва Операи шоҳии қасри Версал намоиш дода шуд. Дар операе, ки аз ҷониби Стефано Пода саҳнагузорӣ шудааст, мусиқии Георг Фридрих Гендел дар тафсири Кирилл Рихтер бо истифода аз созҳои миллии мусиқии ўзбекӣ садо дод. Дар ин лоиҳа Оркестри миллии симфонии Ўзбекистон, хор, оркестри созҳои мардумӣ ва сарояндагони маъруф ширкат варзиданд.

Моҳи марти соли 2027 операи «Тамерлано» дар саҳнаи толори машҳури «Карнеги-ҳолл» дар Ню-Йорк пешниҳод хоҳад шуд. Ин имкон медиҳад, ки иқтидори баланди санъати опера ва мактаби иҷрои миллии Ўзбекистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ васеъ муаррифӣ гардад.

Ҳамчунин масъалаи ташкили низоми ягонаи баргузории консерт, фестивал, озмун ва намоишгоҳҳои бузург баррасӣ шуд. Пешниҳод гардид, ки дар назди Бунёди рушди фарҳанг ва санъати Ўзбекистон дар заминаи муассисаи давлатии «Дирексияи фестивалҳои байналмилалӣ»-и Вазорати фарҳанг Оператори миллии лоиҳаҳои фарҳангӣ таъсис дода шавад.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# ЗАРАФШОН: ШАҲРИ ИМКОНИЯТҲО ДАР ҚАЛБИ ҚИЗИЛҚУМ

***Аз шаҳри тилло ба маркази рушди муосир***

***Дар паҳнои биёбони Қизилқум Зарафшон ҳамчун як воҳаи воқеии зиндагӣ, меҳнат ва пешрафт қомат афрохтааст. Ин шаҳр, ки солҳои зиёд ҳамчун маркази истихроҷи тилло ва фаъолияти саноатии кўҳӣ маъруф буд, имрўз тадриҷан ба маркази муҳими иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии минтақа табдил меёбад.***

Ҳар нафаре, ки ба Зарафшон сафар мекунад, тағйироти назаррасро дар симои шаҳр мушоҳида менамояд. Биноҳои нав, маҳаллаҳои замонавӣ, марказҳои хидматрасонӣ, меҳмонхонаҳо ва иншооти иҷтимоӣ шаҳодат медиҳанд, ки шаҳр марҳилаи нави рушди худро оғоз кардааст. Дар баробари фаъолияти корхонаҳои бузурги саноатӣ, соҳибкории хусусӣ ва тиҷорати хурд низ рушд намуда, ба манбаи муҳими таъсиси ҷойҳои нави корӣ табдил меёбанд. Зарафшон имрўз на танҳо шаҳри конканон, балки намунаи татбиқи сиёсати рушди мутавозини минтақаҳо мебошад.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# АНДИҶОН ВА ВИТЕБСК ЛОИҲАҲОИ МУШТАРАКРО ОҒОЗ МЕКУНАНД

***Тибқи тавофуқоти сатҳи олии миёни Ўзбекистон ва Беларус нахустин 255 нафар сокинони вилояти Андиҷон аллакай ба Беларус омадаанд.***

Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко ва ҳокими вилояти Андиҷони Ўзбекистон Шуҳрат Абдураҳмонов аз вилояти Витебск боздид намуда, масъалаҳои татбиқсозии лоиҳаҳои муштаракро баррасӣ карданд.

Нақшаҳои ҳамкорӣ идомаи тавофуқоте мебошанд, ки зимни сафари расмии Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Беларус 8-9 июл ба даст омадаанд. Ин тавофуқот ҷалби сармоягузорӣ ба бахшҳои гуногун ва сафарбар намудани шаҳрвандони Ўзбекистон барои кор ба Беларусро дар бар мегирад.

«Ман ба Президенти Ўзбекистон ваъда додам, ки ин корро анҷом медиҳем. Ин барои мо низ судманд аст ва ба рушди вилояти Витебск мусоидат хоҳад кард», – изҳор дошт Президенти Беларус Александр Лукашенко.

Ба гуфтаи ў, дар минтақа омодаанд коркарди маҳсулоти кишоварзиро рушд дода, дар сурати зарурат як корхонаи муштараки коркард бунёд намоянд.

«Мо мисли бародарон ҳамкорӣ хоҳем кард. Ба ин шубҳае накунед», – таъкид кард роҳбари Беларус.

Ҳокими вилояти Андиҷон Шуҳрат Абдураҳмонов барои фароҳам овардани шароити мусоиди кор дар вилояти Витебск изҳори сипос намуда, саломи Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёевро расонд.

Александр Лукашенко қайд кард, ки барои шаҳрвандони Ўзбекистон манзил муҳайё карда мешавад ва фарзандони онҳо метавонанд дар кўдакистон ва мактабҳои Беларус бо ҳамон шароите таҳсил кунанд, ки барои шаҳрвандони Беларус пешбинӣ шудааст.

«Онҳое, ки ба ин ҷо меоянд, бояд донанд, ки барои мо бегона нестанд», — гуфт ў.

Роҳбари Беларус инчунин пешниҳод намуд, ки имкониятҳои кор на танҳо дар Витебск, балки дар ноҳияҳои ҷанубу шарқии вилояти Могилёв низ баррасӣ гардад. Ба нақша гирифта шудааст, ки шаҳрвандони Ўзбекистон ба бахшҳои кишоварзӣ, сохтмон, саноат, хидматрасонӣ, инчунин ба сифати кормандони миёнаи тиббӣ ҷалб карда шаванд.

Чанд рўз қабл нахустин 255 нафар аз вилояти Андиҷон ба вилояти Витебск расиданд. Умуман, мувофиқи тавофуқоти ҳосилшуда, ба Беларус 5 ҳазор нафар корманд фиристода мешаванд, ки аз моҳи сентябр гурўҳ-гурўҳи 500 нафарӣ вориди кишвар хоҳанд шуд.

Инчунин тавофуқот пешбинӣ мекунад, ки дар ҳафт ноҳияи вилояти Витебск 10 иншоот барои парвариши чорвои гўштӣ ба ҷониби Ўзбекистон дода шуда, 8 ҳазор гектар замини кишоварзӣ ҷудо карда мешавад. Дар ноҳияи Бешенкович бошад, 2 ҳазор гектар замин барои парвариши картошка ҷудо мегардад. Таъкид гардид, ки Беларус шарикони худро бо тухмии босифат, технологияҳои муосир ва мутахассисон таъмин хоҳад кард.

Ғайр аз ин, ҷонибҳо ният доранд дар соҳаҳои коркарди чўб, истеҳсоли пеллетҳои сўзишвории чўбӣ ва сохтмон низ лоиҳаҳои муштаракро амалӣ намоянд.

Дар шаҳри Витебск аллакай хонаи савдои маҳсулоти Ўзбекистон фаъолият оғоз кардааст ва барои кушодани тарабхонаи таомҳои миллӣ низ бино интихоб шудааст. Мактаби собиқи осоишгоҳӣ дар шаҳраки Богушевск бошад, ба пойгоҳи сайёҳӣ барои истироҳати шаҳрвандони Ўзбекистон табдил дода мешавад.

Ҳамзамон, Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 15 июл дар ҷамъомад оид ба татбиқи тавофуқоти бо Беларус бадастомада супориш дод, ки оид ба таъмин намудани шаҳрвандони кишвар бо ҷойи кор пайваста чорабиниҳо андешида шаванд.

Дар марҳилаи аввал дар асоси озмун 1 ҳазору 100 нафар барои кор дар 13 корхонаи вилояти Витебск ва дигар минтақаҳои Беларус фиристода мешаванд.

Барои ҳамоҳангсозии ин раванд дар шаҳри Витебск намояндагии Агентии муҳоҷирати Ўзбекистон ифтитоҳ хоҳад шуд.

Дар ҷамъомад инчунин зикр гардид, ки дар вилояти Витебск ва дигар минтақаҳои Беларус маҷмўи 30 лоиҳаи нави муштарак ба маблағи зиёда аз 100 миллион доллари ИМА омода шудааст.

Ин лоиҳаҳо соҳаҳои чорводорӣ, коркарди чўб, логистика, савдо ва хидматрасониро фаро мегиранд.

То охири соли ҷорӣ инчунин дар истгоҳи роҳи оҳани Орша маркази логистикии интермодалӣ ба истифода дода мешавад, ки интиқоли борҳои содиротию воридотиро бо тарифаҳои имтиёзнок таъмин хоҳад кард.

Ёдовар мешавем, ки дар доираи сафари Президенти Ўзбекистон ба Беларус ҷонибҳо Эъломия дар бораи барқарор намудани муносибатҳои шарикии стратегиро ба имзо расониданд, ки афзоиши ҳаҷми гардиши мол миёни ду кишварро то 2 миллиард доллари ИМА ва татбиқи лоиҳаҳои муштаракро дар бахшҳои гуногун пешбинӣ мекунад.

**АИ «Дунё»**

*ш. МИНСК*

# ЛОИҲАҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ СОҲАИ ФАРҲАНГ ВА САНЪАТ МУАРРИФӢ ШУДАНД

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Операторн миллӣ барои ташкили чорабиниҳои бузурги байналмилалӣ ва таблиғи онҳо дар хориҷа, фармоиши консертҳо бо иштироки ҳунармандони машҳур ва омодагӣ ба Фестивали байналмилалии мусиқии «Шарқ Тароналарӣ» масъул хоҳад буд.

8 июни соли ҷорӣ дар майдони Регистони Самарқанд консерти сарояндаи машҳур Ҷон Леҷенд баргузор гардид. Дар моҳҳои август ва сентябр баргузории консертҳои пианинонавози маъруф Ланг Ланг дар Девори бузурги Чин дар Пекин ва баъдан дар майдони Регистон пешбинӣ шудааст. Моҳи октябр бошад, дар Қасри форумҳои байналмилалии «Ӯзбекистон» дар шаҳри Тошканд консерти оҳангсози маъруф Макс Рихтер баргузор мегардад.

Ҳамчунин натиҷаҳои иштироки Ӯзбекистон дар чорабиниҳои бузурги фарҳангии байналмилалӣ, ки имсол дар Венетсия ва Милан баргузор мешаванд, муаррифӣ гардиданд.

Дар Биенналеи 61-уми санъати Венетсия Ӯзбекистон бо павилони миллӣ ва лоиҳаи «The Aural Sea» иштирок дорад. Ин лоиҳа мавзӯи баҳри Арал ва Қароқалпоқистонро тавассути хотира, афсона ва ривоятҳо инъикос мекунад. То имрӯз беш аз 60 ҳазор нафар аз он боздид намудаанд. Фарогирии умумии маводи расонаӣ, ки ба ин лоиҳа бахшида шудаанд, аз 145 миллион нафар гузашт.

Дар доираи биеннале дар Палатсо Кавалли-Франкетти инчунин намоишгоҳи инфиродии рассоми ӯзбекистонӣ Вячеслав Ахунов таҳти унвони «Instruments of the Mind» ташкил шудааст. Дар он зиёда аз 200 асари рассом, ки аз солҳои 1970 то имрӯз офарида шудаанд, намоиш дода мешаванд. Намоишгоҳро беш аз 12 000 нафар аз беш аз 30 кишвар тамошо карданд.

Дар павилони миллии «Вақте ки зардолу гул мекунад», ки дар доираи Milan Design Week 2026 ташкил гардид, корҳои муштараки 12 дизайнери байналмилалӣ ва 12 ҳунарманди Ӯзбекистону Қароқалпоқистон ба намоиш гузошта шуданд. Павилони Ӯзбекистон сазовори ҷоизаи махсуси ҳакамон — «Fuorisalone Award 2026» гардида, беш аз 18 ҳазор нафар аз он боздид намудаанд. Фарогирии иттилоотии байналмилалии ин лоиҳа ба 171 миллион нафар расидааст.

Ҳамчунин чорабиниҳо ва лоиҳаҳои Бунёди рушди фарҳанг ва санъати Ӯзбекистон барои солҳои 2026–2027 баррасӣ шуданд.

Аз 11 то 13 сентябр дар шаҳри Нукус Саммити фарҳангии Арал баргузор мешавад, ки дар он намояндагони соҳаҳои фарҳанг, илм, меъморӣ, дизайн ва экология масъалаҳои рушди устувори минтақаи назди Аралро муҳокима хоҳанд кард. Моҳи январи соли 2027 мавсими нави барномаи байналмилалии «Aral School», ки ба иқлим ва манзараҳои ҳавзаи баҳри Арал бахшида шудааст, оғоз мегардад.

Дар доираи навсозии репертуари Театри давлатии академии калони ба номи Алишер Навоӣ нақшаҳои ба саҳна гузоштани операи «Турандот»-и Ҷакомо Пуччини ва балети «Шелкунчик»-и Пётр Чайковский баррасӣ шуданд. Барои татбиқи ин лоиҳаҳо коргардонҳо, дирижёрҳо, балетмейстерҳо ва мутахассисони пешқадами ватаниву хориҷӣ ҷалб хоҳанд шуд.

Дар доираи Биенналеи Бухоро – 2027 тармими ёдгориҳои фарҳангӣ, ободонии минтақаҳои таърихӣ ва майдонҳои ҷамъиятӣ, инчунин омода намудани ҷойҳои намоишгоҳӣ пешбинӣ шудааст. Дар ин чорабинӣ зиёда аз 50 рассом ва дизайнери хориҷӣ ва беш аз 300 намояндаи соҳаҳои эҷодӣ аз кишвари мо ширкат хоҳанд кард.

Ғайр аз ин, пешниҳодҳо оид ба иштироки Ӯзбекистон дар Milan Design Week ва Art Basel, баргузории конфронси байналмилалии «Art for Tomorrow», густариши ҳамкорӣ бо Осорхонаҳои Қатар дар соҳаи ҳунарҳои мардумӣ ва дизайн, инчунин таъсиси резиденсияи рассомон ва мактаби байналмилалии заргарӣ дар шаҳри Бухоро баррасӣ шуданд.

Дар анҷом Сарвари давлати мо дастур дод, ки ҳамаи лоиҳаҳо бо омодагии ҳамаҷониба амалӣ гарданд, сифати корҳои тармимӣ таҳти назорати қатъӣ қарор дошта бошад, арзишҳои миллӣ бо равишҳои муосир ба таври ҳамоҳанг муттаҳид карда шаванд ва самаранокии амалии ҳамкориҳои байналмилалии фарҳангӣ боз ҳам баланд бардошта шавад.

**ӮзА.**

# ҲАҶМИ СОДИРОТ МЕАФЗОЯД

***Дар ноҳияи Янги Наманган ҶММ «Сифат тикув сервис» дар соли 2012 таъсис ёфта, айни замон 50 нафар занону духтарони маҳаллиро ба кор ҷалб кардааст.***

Корхона таҳти бренди «Наззаро» либосҳои замонавии мардона истеҳсол мекунад. Соли гузашта корхона ба Тоҷикистон ба маблағи 150 ҳазор доллар маҳсулот содир кардааст. Имсол ба нақша гирифта шудааст, ки ин рақам то 250 ҳазор доллар афзоиш ёбад. Барои бозори дохилӣ ба маблағи 1 млрд. сӯм маҳсулот истеҳсол карда шуд ва то охири сол ин рақам ба 1,2 миллиард сӯм мерасад.

**Шаҳло МАМАДҶОНОВА,**
**вилояти Наманган.**




**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Солҳои охир рушди иҷтимоию иқтисодии Зарафшон дар асоси барномаҳои мушаххаси давлатӣ амалӣ гардида, натиҷаҳои назаррас ба бор овардааст. Бо дастгирии ҳукумат ва ҷалби сармояҳои дохилию хориҷӣ ҳаҷми истеҳсолот, содирот ва хизматрасонӣ ба таври назаррас афзоиш ёфт.

Тибқи иттилооти сардори хадамоти матбуоти ҳокимияти шаҳри Зарафшон Умедҷон Худойқулов афзоиши нишондиҳандаҳои сифатию рақамӣ қариб дар ҳамаи бахшҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ нигоҳ дошта шудаанд. Ин раванд ба баланд гардидани даромади аҳолӣ ва беҳтар шудани сатҳи зиндагии сокинон мусоидат намудааст. Музди миёнаи меҳнат дар Зарафшон нисбат ба нишондиҳандаҳои миёнаи вилоят ба маротиб баландтар мебошад, ки ин аз имкониятҳои васеи иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳр дарак медиҳад.

Имрӯз барои татбиқ намудани 28 лоиҳаи сармоягузорииояндадор ба маблағи беш аз 157 миллион доллар замина фароҳам оварда шудааст. Дар доираи ин ташаббусҳо корхонаҳои нави истеҳсолӣ таъсис ёфта, истеҳсоли маснуоти шишагӣ, масолеҳи сохтмон, наххои синтетикӣ ва дигар маҳсулоти саноатӣ ба роҳ монда шудаанд. Махсусан, ба масъалаи иваз намудани маҳсулоти воридотӣ таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Ин сиёсат на танҳо ба рушди истеҳсолоти миллӣ мусоидат мекунад, балки барои шуғли миқдори аҳолӣ имкониятҳои нав фароҳам меорад.

Яке аз хусусиятҳои муҳими рушди Зарафшон дар солҳои истиқлолият афзоиши босуръати аҳолӣ мебошад. Тибқи пешбинӣ, баъди ба истифода додани иқтидорҳои нави Корхонаи кӯҳию металлургии Навоӣ шумораи ҷойҳои корӣ ҳазорҳо адад зиёд гардида, миқдори аҳолии шаҳр солҳои наздик аз сад ҳазор нафар бештар хоҳад шуд.

Маҳз ҳамин омил зарурати таҷдиди нақшаи генералии шаҳрро ба миён овардааст. Нақшае, ки соли 2008 қабул шуда буд, афзоиши аҳолиро то 70 ҳазор нафар пешбинӣ мекард. Аммо воқеияти имрӯз тамоман дигар аст ва рушди шаҳр талаб мекунад, ки инфрасохтор, роҳҳо, шабакаҳои муҳандисӣ ва манзилҳои истиқоматӣ мутобиқ ба талаботи нав бунёд шаванд.

Дар доираи барномаҳои шаҳрсозӣ дар се микроноҳия сохтмони 227 бинои бисёрошёна пешбинӣ гардидааст. Қисми зиёди онҳо аллакай ба истифода дода шуда, садҳо оила соҳиби манзили нав гардидаанд. Иншооти нав на танҳо талаботи аҳолиро ба манзил қонеъ месозанд, балки ба ташаккули муҳити муосири шаҳрӣ низ мусоидат менамоянд. Зарафшон тадриҷан аз шаҳре бо симои истеҳсолӣ ба маркази бароҳати зиндагӣ табдил меёбад.

Яке аз омилҳои муҳими рушди шаҳр дастгирии соҳибкорӣ мебошад. Имрӯз дар Зарафшон барои соҳибкорони навкор шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Қарзҳои имтиёзнок, субсидияҳо ва машваратҳои давлатӣ ба шаҳрвандон имкон медиҳанд, ки тиҷорати шахсии худро оғоз намоянд.

Барномаи соҳибкории оилавӣ махсусан натиҷаҳои хуб нишон медиҳад. Бо истифода аз чунин дастгирӣ даҳҳо сокинон фаъолияти соҳибкориро оғоз намуда, ҷойҳои нави корӣ таъсис додаанд. Намунаи равшани ин раванд таъсиси студияи аксбардории арӯсӣ ва меҳмонхонаҳои хурди оилавӣ мебошад, ки на танҳо даромади соҳибони худро таъмин мекунанд, балки барои дигар шаҳрвандон низ ҷойи кор муҳайё месозанд.

Тибқи маълумоти мақомоти маҳаллӣ, танҳо дар як маҳалла беш аз 120 нафар бекорон барои ташкили фаъолияти соҳибкорӣ қарзҳои имтиёзнок гирифтаанд. Ин нишон медиҳад, ки аҳолӣ ба имкониятҳои иқтисодии нав фаъолона ҳамроҳ мешавад.

Зарафшон солҳо инҷониб ҳамчун яке аз марказҳои пешқадами таълимии кишвар шинохта мешавад. Мактабҳои шаҳр аз рӯи сатҳи донишандӯзии хонандагон ва шумораи дохилшавандагон ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар сафи пеш қарор доранд. Дастовардҳои хонандагон дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, гирифтани сертификатҳои байналмилалии забонӣ ва дохилшавӣ ба донишгоҳҳои хориҷӣ аз сифати баланди таҳсил шаҳодат медиҳанд.

Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани муҳити таълимӣ мактабҳо бо технологияҳои муосир, синфхонаҳои компютерӣ ва тахтаҳои интерактив таъмин мешаванд. Яке аз лоиҳаҳои муҳими соҳаи маориф сохтмони мактаб-интернати махсусгардонидашуда барои 504 нафар хонанда мебошад. Ин муассисаи нав бо истифода аз технологияҳои муосири сохтмон бунёд гардида, барои таълиму тарбияи ҷавонони болаёқат шароити беҳтаринро фароҳам хоҳад овард.

Тарҳи меъмории мактаб низ аз муассисаҳои анъанавӣ фарқ мекунад. Синфхонаҳои замонавӣ, минтақаҳои истироҳатӣ, майдонҷаҳои варзишӣ ва муҳити сабз онро ба як маркази воқеии рушди истеъдодҳо табдил медиҳанд.

Дар ҷаҳони муосир рушди технологияҳои рақамӣ ба яке аз нишондиҳандаҳои асосии пешрафт табдил ёфтааст. Зарафшон низ аз ин раванд дар канор намондааст. Дар шаҳр марказҳои омӯзишии технологияҳои иттилоотӣ, филиали IT-park ва марказҳои омӯзиши касбҳои рақамӣ таъсис дода шудаанд. Ҳадаф аз ин ташаббусҳо омода намудани мутахассисони ҷавон барои бозори меҳнати рақамӣ мебошад.

Солҳои охир масъалаи беҳтар намудани муҳити шаҳрӣ ба яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти маҳаллӣ табдил ёфтааст. Дар Зарафшон сохтмони хиёбонҳо, фавворахо, минтақаҳои истироҳатӣ ва майдонҳои сабз идома дорад.

Бо вуҷуди ҷойгиршавӣ дар минтақаи биёбон, шаҳр талош дорад экосистемаи устувори худро ташаккул диҳад. Истифодаи технологияҳои обёрии қатрагӣ, шинонидани дарахтони ороишӣ ва боғҳои мевагӣ ба беҳтар гардидани муҳити зист мусоидат мекунад.

Имрӯз Зарафшон намунаи равшани рушди босуръати минтақаҳои саноатии Ӯзбекистон мебошад. Дар ин шаҳр саноати муосир, соҳибкории фаъол, низоми пешрафтаи маориф, инфрасохтори нав ва технологияҳои рақамӣ ба ҳам омадаанд. Маҳз ҳамин омилҳо имкон медиҳанд, ки Зарафшон аз доираи як шаҳри маъмулии конканон берун рафта, ба маркази муҳими иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии минтақа табдил ёбад.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори**
**"Овози тоҷик".**
*Вилояти НАВОӢ.*

***Дар мавзӯи муҳим***

# ТАШХИСГУЗОРӢ БО ЗЕҲНИ СУНЪӢ ОЁ ДУРУСТ АСТ?

***Солҳои охир рушди босуръати технологияи зеҳни сунъӣ на танҳо ба соҳаҳои таълим, кишоварзӣ, иқтисод ва амсоли ин, балки ба ҳаёти инсон, аз ҷумла ба саломатии равонӣ низ таъсири худро расонид.***

Алҳол дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва мессенҷерҳои гуногун чат-ботҳо, барномаҳои мобилӣ ва тестҳои онлайн мавҷуданд, ки корбарон бо истифодаи онҳо метавонанд ҳолати равонии худро арзёбӣ намоянд ва ҳатто барои худ ташхис гузоранд. Чунин платформаҳо ваъда медиҳанд, ки ҳолати психологии инсонро зуд ва осон арзёбӣ мекунанд.

Аммо набояд фаромӯш кард, ки ташхиси мустақили равонӣ бо истифода аз зеҳни сунъӣ як қатор хатарҳои эҳтимолии илмиву амалӣ ва мушкилоти ахлоқӣ низ дорад. Чунки ташхиси психологӣ раванди мураккаб ва бисёрҷониба буда, омодагии амиқи илмӣ, таҷрибаи клиникӣ ва муносибати инфиродиро талаб мекунад.

Бояд гуфт, ки моҳияти илмии ташхиси равоншиносӣ аз он иборат аст, ки ҳолати равонӣ, эҳсосӣ ва маърифатии шахсро бо истифода аз усулҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда муайян менамояд. Ин раванд мусоҳибаи психологӣ, мушоҳида, санҷишҳои стандартӣ ва таҳлили клиникиро дар бар мегирад.

Ташхиси психологӣ дар пояи муносибати инфиродӣ сурат гирифта, муҳити иҷтимоӣ, омилҳои фарҳангӣ ва таҷрибаи ҳаётии шахсро низ ба назар мегирад. Зеҳни сунъӣ бошад, наметавонад чунин омилҳои мураккабро пурра фаро бигирад.

Чунки сохторҳои зеҳни сунъӣ бар асоси алгоритм ва моделҳои омории пешакӣ таҳияшуда амал мекунанд. Онҳо таҷрибаи воқеии клиникӣ надоранд ва наметавонанд ҳолати эмотсионалии инсонро амиқ таҳлил намоянд. Дар бисёр ҳолатҳо зеҳни сунъӣ ҷавобҳои корбарро ба таври сатҳӣ арзёбӣ намуда, хулосаҳои умумиро пешниҳод мекунад. Ғайр аз ин, «ташхис»-ҳои зеҳни сунъӣ бо истилоҳоти бештари илмӣ ифода мешаванд ва ин мумкин аст дар корбар хулосаҳои нодурустро ба вуҷуд оварад. Ва ин ҳолат бо эҳтимоли бузург метавонад вазъи равонии шахсро боз ҳам ногувортар созад.

Набояд фаромӯш кард, ки гузоштани ташхиси равонӣ бо ёрии зеҳни сунъӣ як қатор паёмадҳои нохуш дорад. Аз ҷумла, ташхиси нодуруст гузошта мешавад ва дар натиҷа шахс худро аз ҷиҳати равонӣ бемор меҳисобад. Инчунин, фаъолнокии иҷтимоӣ кам гардида, аз муроҷиат ба равоншиноси касбӣ даст мекашад ва тадриҷан нишонаҳои психосоматикӣ шиддат мегиранд. Ин ҳама метавонанд ба саломатии равонии инсон зарари ҷиддӣ расонанд.

Ғайр аз ин, ҳолати мазкур як қатор омилҳои номатлуби ҳуқуқӣ низ дорад. Бояд дар хотир дошт, ки дар аксар платформаҳо масъалаҳои ҳифзи маълумоти шахсӣ, масъулияти клиникӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ на ҳамеша ба таври кофӣ таъмин шудаанд. Равоншиносони касбӣ бошанд, фаъолияти худро тибқи кодекси ахлоқии касбӣ ва масъулияти ҳуқуқӣ анҷом медиҳанд. Аз ин рӯ, зеҳни сунъӣ наметавонад ҷойи мутахассиси равоншиносро гирад.

Бо як сухан, гарчанд зеҳни сунъӣ воситаи муҳими технологии ҷомеаи муосир аст, истифодаи озоди он дар равандҳои ҳассосу мураккаб, чун ташхиси психологӣ, аз ҷиҳати илмӣ нодуруст мебошад. Дар раванди пайдо шудани мушкилоти равонӣ метавонем аз зеҳни сунъӣ чун манбаи иловагии маълумот истифода намоем. Вале ташхиси асосиро бояд ба мутахассиси соҳибихтисос вогузор кард.

Масалан, агар дар худ афсурдагӣ, изтироб, бехобӣ, асабоният ё холигии ботиниро эҳсос кунед, ин маънои онро надорад, ки шумо бемории ҷиддии равонӣ доред. Дар аксар маврид ин ҳолатҳо натиҷаи стрессҳои зиндагӣ, хастагӣ, фишори иҷтимоӣ ё таниши эҳсосӣ мебошанд. Зеҳни сунъӣ бошад, ин фарқиятҳоро муайян карда наметавонад. Дар хотир доред, ки зеҳни сунъӣ шуморо шахсан намешиносад, таҷрибаи зиндагиатонро эҳсос намекунад, бо шумо суҳбати рӯ ба рӯ анҷом намедиҳад.

Аз ин рӯ, ҳар гуна «хулоса»-и пешниҳодкардаи зеҳни сунъиро ҳамчун ҳақиқати ниҳоӣ қабул кардан ҳам нодуруст ва ҳам хатарнок аст.

Агар ҳолати ногувор чанд ҳафта идома ёбад, зиндагии ҳаррӯзаи шуморо халалдор намояд ё ба муносибатҳоятон бо наздикон таъсири манфӣ расонад, пас беҳтарин қарор муроҷиат ба равоншинос ё психотерапевти касбӣ мебошад.

Мутахассис шуморо мешунавад, саволҳо медиҳад, ҳолати равониатонро арзёбӣ мекунад ва танҳо баъд аз он хулосаи худро мегӯяд.

Аз зеҳни сунъӣ бошад, танҳо ҳамчун восита барои маълумот гирифтан, беҳтар дарк кардани худ ё омодагӣ барои муроҷиат ба мутахассис истифода намоед. Онро ҳеҷ гоҳ ҷойгузини табиб ё равоншинос қарор надиҳед.

Зеро солимии равонӣ алгоритм нест. Он раванди нозукест, ки муносибати инсонии зинда ва кори мутахассисро тақозо мекунад.

**Розия НАМОЗОВА,**
**психологи Донишгоҳи**
**"Oriental"-и Самарқанд.**



*Дар вилояти Ҷиззах ба муносибати 30 июл – Рӯзи дӯстии халқҳо таҳти шиорҳои "Як кишвар, як қисмат, як оила" ва "Истиқлол – рамзи дӯстӣ ва ҳамҷиҳатӣ" чорабиниҳои васеъмиқёси маънавиву маърифатӣ оғоз шуданд.*

*Дар онҳо роҳбарони зиёда аз 20 маркази миллию мадании ҷумҳурӣ ва намояндагони беш аз 15 миллати сокини вилояти Ҷиззах иштирок мекунанд.*

*Вохӯрӣ, суҳбатҳои дӯстона ва мулоқоти фарҳангии намояндагони миллатҳои гуногун, ки дар кишварамон зисту зиндагӣ доранд, боз як ифодаи равшани муҳити ҳамгароӣ дар мамлакат мебошад.*

***Суратгир: Ҷ.ЁРБЕКОВ (ӮзА).***

# ДАРВОЗАСОЗОНИ СУЛОЛАИ МАШРАБОВҲО

***Кафшергарӣ касбу ҳунари дӯстдоштаи Музаффархон Машрабов (аз маҳаллаи Дӯзандаи шаҳри Чуст) буд. Барои вай маводи филизӣ, ҳатто ҳар як ваҷаб электрод ва оҳанпорае баарзишу зарур менамуд. Аз хурдтарин металлҳо низ барои сохтани ашёи майда аз рӯйи фармоишу зарурат ё баҳри пайванди масолеҳи сохтмон фоида мебурд. Накӯкорӣ, сарфаю эҳтиёткорӣ нафъи худро дод. Бо музди ҳалолаш ба оила ғамхорӣ кард.***

Фарзандони солеҳу солимақлро калон карда, бо дуою фотиҳаи нек онҳоро ба роҳи ҳаёти мустақилона равона намуд. Баробари ин ба касбу ҳунари кафшергарию созандагиаш дар онҳо меҳру муҳаббат пайдо кунонида тавонист.

Дар давлати мо соҳибкорӣ яке аз самтҳои асосии пешрафти ҷамъият буду ҳаст. Соли 2000 писарон касби бошарафи падариро давом дода, корхонаи хусусии дарвозасозиро ба кор монданд. Кори додарон барор гирифт.

Соли 2010 додарони соҳибкор ба иттиҳодияи ҳунармандон аъзо шуданд. Онҳо як қисми манзилу биноҳои шуъбаи чустии Ҷамъияти оҷизони ҷумҳуриро ба иҷора гирифта, бо васеъ намудани корхона онро боз такмил доданд.

Дар коргоҳ додарон Мақсудхон, Мунавварxон, Маъруфхон ва чанде наздикон бо ғайрат меҳнат мекунанд. Онҳо ба анъанаи «Устоду шогирд» идома бахшида, Машрабовҳо шогирдони наврасро водор менамоянд, ки ба равиши кор диққат дода, ҳунар омӯзанд.

Шуҳрати корхонаи дарвозасозии Машрабовҳоро, ки дар наздикии яке аз чорроҳаҳои атрофаш сераҳолии шаҳри Чуст воқест, маводи босазо, хушмуомилагӣ, нархҳои манзури мизоҷон, молҳои хушнамуду сифатнок на танҳо то гӯшаҳои водии Фарғона, балки то шаҳру вилояти Тошканд расонданд. Ба корхонаи истеҳсолии аз ҷиҳати андоза, намуд ва ранг гуногун ҳар соату ҳар дақиқа равуои фармоишгарону воситаҳои нақлиёт канда нест.

**Ш. МИРЗОЕВ.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

*Дар вилояти Сирдарё дар доираи «Олимпиадаи панҷ ташаббус» оид ба гӯштини миллӣ зинаи нахустини мусобиқаи вилоятӣ бинобар «Ҷоми сарпрокурор» дар савияи баланд гузашт. Паҳлавонҳои 18-30-солаи аз тамоми ноҳия ва шаҳрҳои вилоят интихобшуда нафақат барои ғалаба, балки боз барои ба даст овардани роҳхати зинаи ҷумҳуриявӣ низ талош варзиданд.*

*Бино ба ҷамъбасти мусобиқа паҳлавонҳое, ки дар тоифаи вазни худ пирӯз шудаанд, соҳиби чунин роҳхатҳо гардиданд. Ба ғолибон ва пешқадамон диплом ва туҳфаҳои хотиравӣ низ супурда шуданд.*

***Суратгир: У. ОБИДҶОНОВ (ЎзА).***




***Дар замони рушди босуръати технологияҳои рақамӣ низоми бойгонии Ўзбекистон низ ба марҳилаи нави рушд ворид мегардад. Дар нишасти матбуотие, ки Агентии «Ўзархив» баргузор намуд, натиҷаҳои фаъолияти нимсолаи аввали соли 2026 ҷамъбаст гардида, як қатор навгониҳои муҳиме, ки рушди соҳаи архивро ба сатҳи нав мебароранд, муаррифӣ шуданд.***

# НАВОВАРИҲОИ МУҲИМИ СОҲАИ БОЙГОНӢ

Дар чорабинӣ оид ба нигоҳдорӣ ва рақамикунонии ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, сифати хидматрасониҳои давлатӣ ба шаҳрвандон, натиҷаҳои назорати давлатӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ, иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин хабарҳои муҳиме, ки дар нимаи дуюми соли ҷорӣ амалӣ карда мешаванд, маълумоти муфассал пешниҳод гардид.

Аз ҷумла, дар нимсолаи аввал аз ҷониби Агентии «Ўзархив» 11 лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки фаъолияти агентиро танзим менамоянд, таҳия карда шуданд.

Тибқи маълумоти пешниҳодшуда, дар шаш моҳи соли ҷорӣ зиёда аз 72 миллион ҳуҷҷати бойгонии кадрҳо рақамӣ гардида, ҳаҷми ҳуҷҷатҳои электронии Фонди миллии архив ба 1,3 миллион воҳиди нигоҳдорӣ расидааст. Ҳамчунин, ба системаи иттилоотии «Таъмини нигоҳдории ягонаи ҳуҷҷатҳои рақамӣ дар архиви давлатӣ ва истифодаи онҳо» беш аз 1 миллиону 158 ҳазор маълумоти нав ворид карда шуд. Дар байни онҳо фондҳои бойгонӣ, воҳидҳои нигоҳдорӣ, ҳуҷҷатҳо ва маълумоти библиографӣ мавҷуданд.

Дар соҳаи ҳамкориҳои байналмилалӣ, дар давраи ҳисоботӣ ба 74 муҳаққиқи хориҷӣ иҷозат дода шуд, ки дар архивҳои Ўзбекистон тадқиқоти илмӣ анҷом диҳанд, бо Бойгонии Президенти Қазоқистон меморандуми ҳамкорӣ имзо карда шуд. Яке аз хабарҳои муҳими соҳа – ҷорӣ гардидани тартиби нави пешбурди фаъолияти бойгонӣ дар мақомоти давлатӣ мебошад. Тибқи қарори Девони Вазирон аз 1 августи соли 2026 тамоми ҳуҷҷатҳои марбут ба фаъолияти архив дар мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо танҳо дар шакли электронӣ таҳия ва нигаҳдорӣ карда мешаванд. Ин иқдом мубодилаи ҳуҷҷатҳоро суръат бахшида, коғазбозиро коҳиш медиҳад ва бехатарии нигоҳдории маълумотҳоро таъмин менамояд.

Навоварии дигар, ки таваҷҷуҳи зиёди ҷомеаро ба худ ҷалб намуд, ба истифода дода шудани низоми иттилоотии «Шаҷара» мебошад. Ин платформа ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки насабномаи оилаи худро тартиб дода, маълумоти бойгонии вобаста ба гузаштагони худро ҷустуҷӯ намоянд. Ҳамзамон, низом маълумоти бойгониҳои давлатӣ, идоравӣ ва пойгоҳи ягонаи электронии сабти асноди шаҳрвандиро муттаҳид намуда, барои омӯзиши таърихи оилаҳо имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Ҳамчунин ба нақша гирифта шудааст, ки тадриҷан хидмати муайян кардани пайдоиши этникӣ дар асоси маълумоти ДНК аз Маркази криминалистӣ роҳандозӣ карда шавад.

Ислоҳоти амалишаванда марҳилаи сифатан нав дар роҳи бунёди низоми муосири идорикунии ҳуҷҷатҳо дар соҳаи бойгонӣ буда, дар оянда дастрасии шаҳрвандонро ба маълумоти бойгонӣ боз ҳам осонтар ва шаффофтар мегардонад.

Аз ин рӯ, рақамикунонии бойгониҳо ва ҷорӣ гардидани низоми «Шаҷара» қадами муҳим дар роҳи ҳифзи хотираи таърихии миллат ва таҳкими робитаи наслҳо ба шумор меравад.

**М. МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

***Ин матлабро Азиз Абдуҳакимов, мушовири Президент оид ба масъалаҳои экологӣ – раиси Кумитаи миллии экология ва тағйирёбии иқлим дар ҷараёни нишасти хабарие эълом дошт, ки дар Донишгоҳи Осиёи Марказӣ оид ба омӯзиши тағйирёбии иқлим (Донишгоҳи сабз) баён кард. Ба гуфтаи ӯ таъсиси Институти тадқиқотии рушди устувори ба номи Мирзо Улуғбек дар шаҳри Самарқанд бо ташаббуси Сарвари давлат арзи вуҷуд намудааст.***

# ТАШАББУСИ ТАЪСИСИ ДОНИШКАДА АМАЛӢ МЕГАРДАД

– Ташаббуси таъсиси институтро Сарвари давлатамон дар Паёми худ ба иштирокчиёни Ассамблеяи ҳаштуми Фонди ҷаҳонии экологӣ (GEF), ки 4 июни соли 2026 дар Самарқанд баргузор шуд, дар миён гузошта буд. Тавре ки дар Паём қайд мешуд, дар тӯли шаш соли сипаришуда Самарқанд ба яке аз марказҳои пешбари илмии ҷаҳон табдил ёфт ва ин шаҳр ҳамчун макone боқӣ мемонад, ки дар он таҳқиқоти пешрафта рушд мекунад, – изҳор кард А.Абдуҳакимов.

Вай қайд намуд, ки дар назди Донишгоҳи муҳити зист ва тағйирёбии иқлими Осиёи Марказӣ таҳти ҳамкорӣ бо Маркази рушди устувори Донишгоҳи Колумбия (ИМА) Институти тадқиқоти рушди устувори ба номи Мирзо Улуғбек таъсис дода мешавад. Профессор Ҷеффрӣ Сакс, директори Маркази рушди устувори Донишгоҳи Колумбия ва яке аз коршиносони пешбари ҷаҳон дар соҳаи рушди устувор, шарики ин лоиҳа маҳсуб мешавад.

– Ин институт ба як платформаи пешбари тадқиқотӣ ва таҳлилӣ барои табдили минтақаҳо ва бахшҳои иқтисодӣ дар асоси принсипҳои рушди сабз ва устувор табдил хоҳад ёфт. Фаъолияти он ба таҳияи роҳҳои ҳалли асосёфта ба далелҳо ва густариши ҳамкорӣ бо марказҳои пешбари тадқиқотии ҷаҳонӣ ва муассисаҳои молиявии байналмилалӣ нигаронида шудааст, – тазаккур дод А. Абдуҳакимов.

Лоиҳа инчунин таъсиси «Толори сармоягузориҳо ва инноватсияҳои сабз»-ро дарбар мегирад, ки ҳамчун платформа барои пешбурди ташаббусҳои муосири экологӣ ва ҷалби сармоягузорӣ хидмат хоҳад кард.

Дар нишасти хабарӣ Ҷеффрӣ Сакс оид ба ҳадафҳои рушди устувор, Патрик Чунг, сармоягузори маъруф, муассис ва шарики идоракунандаи ширкати сармоягузории M31 Capital, профессор Бахтиёр Пӯлодов, ректори «Донишгоҳи сабз» ва як гурӯҳ коршиносон низ иштирок карданд ва дар робита ба мавзӯи матраҳшуда фикру ақидаҳои худро баён намуданд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# ИҶРОИ ЛОИҲАҲО — ДАР АМАЛ

***Дар панҷ маҳаллаи ноҳияи Тӯрақӯрғон дар доираи барномаи буҷаи ташаббускор ва дигар лоиҳаҳо ҳамзамон асфалтпӯш ва мумфарш кардани роҳҳои дохилӣ анҷом дода мешавад.***

Дар мавсими аввали имсола дар ноҳия раванди «Буҷаи ташаббускор» фаъолона ва бо ҳамдилӣ баргузор гардид. Дар маҷмӯъ 98 пешниҳод аз ҷониби портали иттилоотӣ тасдиқ карда шуд. Ин собит намуд, ки аҳолӣ нисбат ба масъалаҳои дахлдор ба муҳити зисти худ бетараф нест.

Айни замон, корҳои асфалтпӯшкунӣ дар маҳаллаҳои Озод, Катта Қӯрғонча, Қодирободи ноҳия тавассути барномаи «Буҷаи ташаббускор», дар маҳаллаҳои Гулқишлоқ, Шовон ва Исвахон бошад, бо кумаки сарпарастҳо идома доранд.

Тибқи натиҷаҳои ниҳоӣ 12 лоиҳа бо арзиши умумии 19,775 миллиард сӯм ҳамчун ғолиб эътироф гардиданд. Ғайр аз ин, дар доираи «Лоиҳаи маҳалла», лоиҳаи маҳаллаи Бордимкӯл дар асоси шарикӣ ба маблағи 799,7 миллион сӯм низ тасдиқ карда шуд.

Ин корҳо бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани шаъну шарафи инсон ва фароҳам овардани шароити муносиби зиндагӣ анҷом дода мешаванд.

**Шаҳло МАМАДҶОНОВА,**
*вилояти НАМАНГОН.*

# ТАБИАТ МЕКУНАД МОРО ТАБОБАТ



**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).**

### Ҳангоми дарди сар аз фишори дохилии баланд

Дарди сарро ҳангоми баланд шудани фишори дохилии сар бо чунин усул бартараф кардан мумкин: ба 20–25 дона барги ғор (лавр) ним литр оби ҷӯш рехта мешавад. Бо буғи ин ҷӯшоба ингалятсия мекунанд. Барои ин ба болои он хам шуда, сарро бо сачоқи калон мепӯшонанд ва 20 дақиқа буғро нафас мекашанд.

### Ҳангоми склерози мағзи сар

Ҳангоми склерози мағзи сар, фишори пасти хун (гипотония) ҳар рӯз қаламфури сурх истеъмол кардан даркор аст.

### Ҳангоми дарди сар

Ҳазориспандро дуд карда, ба дуди он 21 маротиба сарро доред. Ҳамчунин як даста ҳазориспандро дар як сатил об ҷӯшонида аз дока гузаронед, ба ванна резед ва дар оби гарми он нишинед, ба дарди сар шифо мебахшад.

### Барои рафъи сардии сар

Агар бӯйимодаронро дар равғани зайтун ҷӯшонанд, сарро метасфонад ва сардии онро бартараф месозад, меъдаро низ гарм мекунад.

### Ҳангоми астмаи бронхиалӣ

Барои астмаи бронхиалӣ 400 грамм решаи занҷабилро гирифта, пӯсташро тоза кунед. Сипас онро аз резакунанда гузаронида, ба зарфи шишагӣ андохта, аз болояш спирт рехта, дар ҷойи гарм ё офтобӣ 14 рӯз нигоҳ медоред. Гоҳ-гоҳ хуб ҷунбонидани зарфро фаромуш накунед. Пас аз зард шудани моеъ, онро ба зарфи дигар андохта, боз каме мегузоред, то боз ҳам беҳтар шавад. Ҳар рӯз 2 маротиба пас аз хӯрок 1 қошуқӣ аз он бо 3 ҷуръа об нӯшидан лозим аст.

### Ҳангоми бронхит

5–6 дона сирпиёзро аз резакунанда гузаронида, бо 100 грамм равғани зард, як қисм шибит (укроп)-и майдакардашуда омехта кунед. Субҳ, нисфирӯзӣ ва бегоҳ ба нон молида истеъмол намоед. Ин муолиҷаро ҳангоми пневмония низ истифода баранд, натиҷаи хуб медиҳад.

### Ҳангоми бод дар гурда

Шахсе, ки аз боди гурда азият мекашад, намак ё сабӯсро гарм карда бандад, аз беморӣ халос мешавад.

### Ҳангоми дарди гурда ва пешобдон

Сӯзанбаргҳои санавбар ҷамъ карда мешавад (ҳар қадар тару тоза бошад, ҳамон қадар беҳтар), шохаҳояш майда реза карда мешаванд ва 3–4 каф дарахти хушкидаи зирк бурида мешавад. Ҳамаашро ба сатил андохта, об рехта, 2 соат меҷӯшонанд. Пас аз ҷӯшондан, болояш пӯшида шуда, 30 дақиқа дам дода мешавад. Онро ба ванна рехта, бемор то гардан ба об медарояд. Ҳарорати он бояд 37 дараҷа бошад. Ванна дар давоми 15–20 дақиқа қабул карда мешавад. Баъд аз ба охир расидани ҷараён, баданро бо сачоқ хушк карда, 1 соат дар бистар хобидан лозим аст. Ин ванна барои дарди гурда ва пешобдон таъсири хуб дошта, пӯстро тоза ва мустаҳкам мекунад. Хусусан, барои кӯдакони заиф ва пиронсолон муфид аст. Ранг ва бӯйи об системаи марказии асаброро ором мекунад.

**(Давом дорад).**

Таҳияи **З. ҲАМДАМОВА, А. РӮЗИМАТОВ.**

АРЗИШҲО

# ҲАМСОЯ ОН БОШАД, КИ...



***Бесабаб нагуфтаанд, ки «аз хеши дур ҳамсояи наздик беҳ аст», зеро ҳамсоя ҳангоми рӯзи неку бад ва дар шодиву ғам ҳамроҳи мо аст ва дар хидмати мо омода аст. Аз ин ҷиҳат, некҳамсоягиро яке аз арзишҳои дерина шуморида, ҳамеша ситоиш мекунанд. Некҳамсоягӣ ва ҳаққи ҳамсоя дар муносибатҳои иҷтимоӣ ҷойгаҳи хоси худро дорад, чунки дар сулҳу амонӣ умр ба сар бурдани ҳамсояҳо гарави осудаҳолӣ низ мебошад.***

Дар кишвари мо мавзеъҳое ҳастанд, ки дар он анъанаҳои некҳамсоягии чандасра нигаҳдорӣ шудаанд, ҳамсояҳо дар тӯю маърака ва дигар рӯзҳо дар хидмати ҳамдигар камарбастаанд. Инчунин ҳамсояҳое низ ёфт мешаванд, намедонанд, ки ҳамсояи девордармиёни онҳо кӣ асту чӣ ҳол дорад ва бо чӣ машғул аст?

– Вақте ки шунидам ҳамсояи нави ман фарзанди яке аз устодони мактабамон мебошад, ки дар давоми даҳсолаҳо ба мактаббачагон таълими ибтидоиро омӯхтааст, хеле хурсанд шуда будам, – мегӯяд шиноси деринаам аз маҳаллаи Чорбоғкенти ноҳияи Вобканд Малика Ашрапова, – чунки муаллима Хуршедаапа ба бародарони ман низ хатту савод омӯхта, яке аз занони обрӯманди деҳаамон буданд. Аммо муносибати самимонаи ман бо ҳамсояи нав, ки Бахтиёр ном дошт, дер давом накард (номи муаллима ва писари ӯ тағйир дода шуд).

– Дарахтони ман меваи зиёд медиҳанд. Ин мева ба замини боғи ту меафтад. Акнун қисмати ҳавлиат, ки мева меафтанд, азони ман мешавад, – гуфт ӯ рӯзе ғайричашмдошт... Аввал ман фикр кардам, ки ӯ шӯхӣ мекунад. Аммо дар асл ӯ рост мегуфт.

Дарахтони ҳамсоям дар як қатор, ки 10-12 метр қад дошт, шинонда шуда буданд ва ӯ мехост, як қисмати замини маро худсарона азони худ кунад.

Баъди ин ҳодиса, ман бисёр чизҳоро мушоҳида кардам, пеш аз ҳама, шаъни модари ҳамсоям – устоде, ки беш аз 40 сол ба хурдтаракон дарс гуфтааст, дувум, овозаҳое, дар деҳаамон дар бораи тарангии муносибати мо – ҳамсоягон паҳн мешавад, инчунин дар андешае, ки дар ин синну сол ба ҷавонон бо чунин рафтор чӣ гуна ибрат мешавам, ба ягон идораи давлатӣ муроҷиат накардам. Ҳамин тавр, ҳамсоям алафи томарқаамро 3-4 соли аввал дарав карда гирифт ва ин ҳолат то вақте ки бо ташаббуси роҳбари давлатамон хонавода ва заминҳои наздиҳавлӣ азнав аз рӯйихати кадастр гузаронида шуданд, идома ёфт ва баъдан ба фоидаи ман ҳаллу фасл гардид.

Бачагони хушхулқ пеш аз ҳама дар оила тарбия меёбанд. Чунин оилаҳо бо ҳамсоягони худ низ муносибати самимӣ доранд. Дар натиҷаи чунин муносибатҳо байни аъзои ҷомеа робитаҳои иҷтимоӣ мустаҳкамтар мегардад, ки ин омили зарурии рушди ҷамъият мебошад. Дар китоби «Одоби иҷтимоӣ»-и Шайх Муҳаммад Содиқ Муҳаммад Юсуф низ дар бораи одоби ҳамсоягон маълумот мавҷуд буда, инчунин дар он гуфта шудааст, ки некӣ ба ҳамсоя аз салом додан ва пурсидани ҳолу аҳволи ӯ оғоз меёбад. Эҳтиром ба ҳамсоя маънои ӯро бо садоҳои баланд, аз ҷумла радио ва телевизион безобита накардан, напартофтани партов ё халал нарасондан ё танг накардани роҳи ӯ ва ғайраро дорад. Инчунин, муошират бо ҳамсоягон меъёрҳои ахлоқии зеринро дар бар мегирад: ҳангоми вохӯрӣ бо ҳамсоя суҳбатро дароз накардан, саволҳои зиёд надодан, агар бемор шавад ӯро зиёрат кардан, вақте ки бо мушкилӣ рӯ ба рӯ ояд, ҳамдардӣ кардан, дар рӯзҳои шодиёнааш табрик гуфтан, ба хато роҳ диҳад, ӯро нодида гирифтан, чизеро дар девораш нагузоштан ё овезон накардан, дар пеши хонааш партов нагузоштан, бо ҳар баҳона ба хонааш нигоҳ накардан, вақте ки ӯ дар хонааш нест, хонаашро посбонӣ кардан, ба суханони бадгӯёнае, ки бар зидди ӯ гуфта мешаванд, гӯш надодан, ба фарзанди ҳамсоя мисли фарзанди худ суханони ширин гуфтан ва ҳоказо.

Инчунин, бузургон таъкид намудаанд, шахсе, ки мехоҳад хонаашро фурӯшад, аввал бояд ба ҳамсояаш дар ин бора хабар диҳад ва агар ӯ нахарад, пас ба дигарон фурӯшад.

Аммо имрӯз аксари мо мутмаинем, ки расми одобу ахлоқи байни ҳамсоягон мисли пештара риоя намешавад.

Ба наздикӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ лавҳае паҳн шуд, ки дар он дар яке аз мавзеъҳои кишварамон бо ҳам бозиву шӯхӣ кардани ҳамсоябачаҳо сабт шудааст. Бачаҳо ҳангоми бозӣ чизеро талош намуда, ҷангу ҷанҷол мекунанд ва ин ҳангом модари яке аз онҳо фарзанди ҳамсояашро бераҳмона мезанад... Кӯдакони дигар аз тарс ба чаҳор сӯ гурехта мераванд.

Ин далели қатъ шудани муносибатҳои некҳамсоягӣ аст.

Дар асл, баландтар сохтани боми хонаи худ аз боми ҳамсоя, фош кардани сирри шахсӣ ва оилавии ӯ низ аз одатҳои ғайриинсонӣ ба шумор меравад.

Шояд аз ҳамин сабаб бошад, хирадмандони бузурги мо дар гузашта оиди ин масъала бештар андешаҳои худро баён кардаанд.

Дар дини мубораки мо ба муносибати байни ҳамсоягон эътибори махсус дода шудааст. Аз ҷумла, дар ояти 36-уми сураи «Нисо»-и Қуръони карим омадааст: «...Ба падару модар ва ба хешовандон ва ба ятимон ва ба мискинҳо ва ба ҳамсояи дуру наздик ва ба ҳамнишини наздик ва ба мусофир ва ғуломони худ некӣ кунед!»

Дар ҳадисе, ки Оиша (р.а) ривоят кардааст, Паёмбар (с.а.в) фармудаанд: «Ҷаброил маро дар бораи ҳамсоя чунон насиҳат кард, ки ман фикр кардам, ки оё ӯ низ дар мерос шарик мешавад?» (Бухорӣ, Муслим).

Муносибати иҷтимоӣ мафҳумҳоеро мисли эҳтироми тарафайн, риоя намудан ба урфи одобу ахлоқ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва зарар нарасондан ба дигарон тавассути амалҳои худ ва ғайраро дар бар мегирад. Мисли ҳамин меъёрҳои ахлоқӣ дар бораи муносибат бо ҳамсоягон мавҷуданд, ки ба таълиму тарбияи фарде, ки дар оила ва муассисаҳои таълимӣ омӯхтааст, муайян карда мешавад. Муносибатҳои самимона ва боэҳтироми ҳамсоягон натанҳо асоси ҳамзистии осоиштаи онҳо дар маҳалла, балки ҷомеа ва тамоми кишвар низ мебошад.

Аз ин рӯ, некӣ ба ҳамсоягон, новобаста аз он ки онҳо кистанд ва ба кадом қавму мазҳаб тааллуқ доранд, ҳам қарз ва ҳам фарз аст.

**Набия НОДИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# КӮДАК БЕШТАР БА НАМУНАИ ИБРАТ НИЁЗ ДОРАД

## ё худ нақши оила ва кӯдакистон дар тарбияи фарзанд

***Бузургони илму адаб ва мутафаккирони ҷаҳон ҳамеша таъкид мекарданд, ки кӯдак ба монанди лавҳи сафед ё лойи мулоим аст – мо дар он чи нақше гузорем, ҳамон хоҳад монд. Сарчашмаи ин нақши аввал дар замони муосир аз оила ва кӯдакистон оғоз меёбад. Насли имрӯз на ба насиҳатҳои хушку холӣ, балки ба муҳити солим ниёз дорад.***



Тавре Ҷалолуддини Балхии Румӣ фармудааст: «Кӯдакон бештар ба намунаи ибрат ниёз доранд, на ба танбеҳу насиҳат».

Равоншиносон ва донишмандон исбот кардаанд, ки таҳкурсии шахсият, хислат ва одоби инсон то синни панҷшашсолагӣ, яъне дар давраи таҳсил дар кӯдакистон шакл мегирад. Маҳз дар ҳамин давр ҷаҳонбинии кӯдак ташаккул ёфта, шавқу рағбат ба дониш, меҳнат, эҷод ва муошират бо ҳамсолон пайдо мешавад. Аз ин рӯ, кӯдакистон танҳо ҷойи бозии кӯдакон нест, балки маркази рушди ҳамаҷонибаи онҳо мебошад. Муҳити солим, омӯзгорони соҳибтаҷриба ва муносибати ғамхорона ба кӯдакон дар рушди зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва маънавии онҳо нақши муҳим доранд.

Муассисаи таҳсилоти томактабии давлатии рақами 7-уми ноҳияи Косонсой бо сарварии мудири соҳибтаҷриба Латифахон Алихонова имрӯз ба яке аз муассисаҳои фаъол ва намунавӣ табдил ёфтааст. Дар кӯдакистон айни замон 200 нафар кӯдакон бо таълиму тарбия фаро гирифта шуда, барои рушди зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва маънавии онҳо тамоми шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст. Муассиса аз ду ошёна иборат, бо тамоми шароити муосир, аз ҷумла бо хонаҳои методӣ, тиббӣ, равоншиносӣ ва толори мусиқии бо маводи таълимӣ, тахтаҳои электронӣ, воситаҳои аёнии мултимедия, бозичаҳои экологӣ ва мебелҳои ба синну сол мувофиқ муҷаҳҳаз таъмин гардидааст. 16 нафар мураббиёни соҳибихтисос бо меҳру муҳаббат ва масъулияти баланд барои тарбияи кӯдакон дониш, таҷриба ва маҳорати худро равона мекунанд.

– Ҳар як муассисаи таълимӣ барои беҳтар намудани сифати таълиму тарбия кӯшиш мекунад. Дар кӯдакистони мо низ муҳити таълимӣ бо истифода аз усулҳои муосир ташкил карда шуда, барои такмили маҳорати касбии мураббиён ва фароҳам овардани муҳити солиму бехатар таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад, – мегӯяд Л. Алихонова. – Ба таълимгирандагон омӯзиш ба се забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ сурат мегирад. Ба омӯзиши забон, математикаи ибтидоӣ, санъат, мусиқӣ, варзиш ва одоби муошират диққати махсус дода мешавад. Инчунин математикаи зеҳнӣ ва бозии шоҳмот низ омӯзонида мешавад.

Дар муассиса баробари машғулиятҳои таълимӣ, барои рушди истеъдод ва қобилияти кӯдакон чорабиниҳои фарҳангӣ, варзишӣ, озмунҳои гуногун ва маҳфилҳои эҷодӣ мунтазам баргузор мешаванд. Ин чорабиниҳо ба ташаккули ҷаҳонбинӣ, эҳсоси ватандӯстӣ, дӯстиву ҳамдигарфаҳмӣ ва худшиносии кӯдакон мусоидат менамоянд. Мураббие, ки бо усулҳои наву интерактив дарс медиҳад, метавонад кунҷковии табиии кӯдакро бедор кунад.

– Тибқи Фармони Президент аз 5 феврали соли 2026 «Дар бораи чорабиниҳо ҷиҳати такмили минбаъдаи низоми таълиму тарбияи томактабӣ» дар низоми муассисаҳои таълими томактабӣ тағйирот ва навовариҳо амалӣ карда мешаванд, – афзуд роҳбари муассиса. – Барномаи таълимии гурӯҳҳои омодагии яксола барои мактаб ҳамчун марҳилаи ибтидоии таҳсилоти умумии ҳатмии миёна ҷорӣ карда мешавад. Ҳадафи асосӣ омодасозии ҳамаҷонибаи кӯдакон ба таҳсилоти мактабӣ ва таъмини пайвастагии таълим мебошад. Аз соли таҳсили 2027-2028 ба кӯдаконе, ки ин давраро хатм кардаанд, сертификати электронии намунаи давлатӣ дода мешавад. Дар ин самт мо бо мактабҳои рақами 15 ва 18-уми ноҳия ҳамкорӣ мекунем.

– Мо бо падару модарон ҳамкориро дар занҷираи «мураббӣ – кӯдак – волидайн» ба роҳ мондаем, ки асоси тарбияи бомуваффақияти кӯдак мебошад, – изҳор кард мураббии пешқадами муассиса Муниба Ғаниева. – Танҳо дар сурати мавҷуд будани робитаи зич ва ҳамфикрӣ байни оила ва муассисаи таълимӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил мегардем. Кӯдакон бештар аз рафтор, амал ва муносибати калонсолон ибрат мегиранд. Кӯдак чизеро, ки дар оила ва ҷомеа мебинад нусхабардорӣ мекунад. Аз ин рӯ барои ба воя расонидани шахсияти солим, волидон ва мураббиён бояд худашон намунаи аввалини ибрат бошанд. Барои ба роҳ мондани робитаи устувор мураббӣ волидонро аз рафтор, пешрафт ва хоҳишҳои кӯдак бояд огоҳ кунад, инчунин иштироки волидон дар ҷашнҳо, мусобиқаҳои варзишӣ ва маҳфилҳо самарабахш аст. Ин ҳамкорӣ ба беҳтар гардидани сифати тарбия ва рушди ҳамаҷонибаи кӯдакон кумак мерасонад.

– Тандурустии насли наврас аз тарзи хӯрокхӯрӣ ва реҷаи рӯз иборат аст, – қайд кард ҳамшираи кӯдакистон Дилдора Шарипова. – Таомномаи кӯдакон аз ҷониби парҳезшиносон ва табибон тасдиқ карда мешавад. Хӯрокҳо аз маҳсулоти тозаву табиӣ омода шуда, витаминҳои лозимиро барои кӯдак таъмин мекунад. Тарбиягирандагон аз меваҳои боғи кӯдакистон баҳраманд мешаванд. Ҳамчунин сайругашти ҳаррӯза дар ҳавои тоза ва варзиши сабуки субҳидамӣ дар нақшаи ҳаррӯзаамон ҷой дорад.

Малака ва маҳорати мураббиёни кӯдакистон заминаи асосии рушди зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва иҷтимоии кӯдакон ба шумор меравад.

Услубшиноси кӯдакистон Кимёхон Қарахоҷаева мегӯяд, ки мураббии касбӣ бояд на танҳо дониши назариявӣ, балки маҳорати баланди амалӣ, психологӣ ва эҷодӣ дошта бошад. Аз ин рӯ, мураббиёни мо малака ва маҳорати худро ҳамавақт дар семинару конфронсҳо мукаммал мегардонанд. Дар ҷараёни машғулиятҳо аз усулҳои нави таълими инноватсионӣ, технологияҳои муосир ва аёниятҳо истифода мебаранд.

Иштироки мураббиён дар озмунҳои касбӣ, аз ҷумла «Мураббии сол» як воситаи муҳим барои баланд бардоштани маҳорат, муаррифии таҷрибаи пешқадам ва ҳавасмандгардонии моддию маънавии онҳо мебошад. Муниба Ғаниева аз зумраи ғолиби «Беҳтарин мураббии эҷодкор» мебошад.

Дар чорабиниҳои фарҳангиву таълимӣ бошад, омӯзгорони фанни забони русӣ Турсунхон Асламов, мусиқӣ Ойша Дадаҷонова ва мураббиёни пуртаҷриба Гулчеҳра Пӯлатова, Дилором Ҷалиловаҳо ба ҷойҳои ифтихорӣ сазовор гаштаанд.

Имрӯз муассисаи таҳсилоти томактабии рақами 7 ҳамчун кӯдакистони пешқадам бо барномаҳои инноватсионӣ, муҳити солим ва равишҳои муосири таълиму тарбия эътироф гардидааст.

Ба наздикӣ тибқи фармони вазири таҳсилоти томактабӣ ва мактабӣ озмуни «Директори намунавии ташкилоти таълимии томактабӣ» байни директорони ноҳия баргузор гардид. Озмуне, ки бо мақсади таҳияи низоми самараноки идоракунӣ дар ташкилотҳои таълимии томактабии давлатӣ, баланд бардоштани салоҳияти касбии мудирон, муайян ва оммавӣ кардани таҷрибаҳои пешрафтаи идоракунӣ ташкил карда шуд, директорон дониш, таҷриба ва салоҳияти роҳбарии худро нишон доданд. Латифахон Алихонова низ дар ин озмун ширкат варзида, ғолибиятро ба даст овард. Барои пирӯзии бузург ва дастовардҳои нав аз ҷониби мудири шуъбаи маорифи томактабӣ ва мактабии ноҳия Каримҷон Тоҷибоев бо диплом ва туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шуд.

Бешубҳа, фаъолияти чунин роҳбару мураббиёни фидоӣ шоистаи қадрдонӣ буда, таҷрибаи онҳо метавонад барои дигар муассисаҳои томактабӣ низ намунаи ибрат бошад.

**Мағфират МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*

***Дар фасли тобистон ҳаво якбора гарм шуда, на танҳо дар табиат, балки дар организми инсон низ тағйирот ба амал меояд. Дар Ӯзбекистон дар ин фасл бинобар иқлими гарм ва хушк, вайроншавии босуръати таом ва афзоиши фаъолияти ҳашарот хатари паҳншавии сироятҳои шадиди рӯда бисёр мешаванд. Тамоми аъзои бадан, аз ҷумла, пӯст, чашм ва низоми ҳозима ба гармӣ осебпазир мебошанд. Агар чораҳои эҳтиётӣ андешида нашаванд, гармии шадид ва хушкии дуру дароз аксар вақт боиси бемориҳои тобистона мешаванд.***
***Мо вобаста ба ин мавзӯъ бо сармутахассиси шуъбаи минтақавии идораи тандурустӣ ва рушди стратегии вилояти Намангон Хуршеда ХУДОЙБЕРДИЕВА ҳамсуҳбат шудем.***

# АЗ БЕМОРИҲОИ МАВСИМИИ ТОБИСТОН ЭМИН БОШЕД

– Гармии шадиди моҳҳои тобистон ба паҳншавии бисёр бемориҳо мусоидат мекунад. Дар чунин шароит патогенҳо метавонанд ба осонӣ афзоиш ёфта, паҳн шаванд. Бемориҳое ба монанди заҳролудшавӣ аз хӯрок, дизентерия, салмонеллез, гастроэнтерити вирусӣ ва гепатити А асосан бо нишонаҳои дарунравӣ, дилбеҳузурӣ, ҳатто қайкунӣ ва дарди шикам зоҳир мешаванд. Дар ин вақт ҳарорати бадани бемор метавонад аз 38,5 С боло бошад ва дар ӯ нишонаҳои заъф, гум шудани иштиҳо ё норасоии пурраи иштиҳо мушоҳида мешаванд.

Бинобар ин мо маҳсулоти хӯроквориеро, ки дар кӯчаҳо фурӯхта мешаванд ё нодуруст нигоҳ дошта шудаанд, набояд истеъмол кунем. Тавсия мешавад, ки пеш аз истеъмоли онҳо аз оби ошомидании тоза истифода баред, мева ва сабзавотро, албатта бишӯед. Маҳсулоти зудвайроншаванда бояд дар яхдон нигоҳ дошта шаванд. Агар мо ба қоидаҳои зарурӣ, аз ҷумла аз соати 10:00 то 16:00 дар зери офтоб муддати тӯлонӣ намонданро риоя кунем, оби кофӣ бинӯшем ва дастамонро зуд-зуд бо собун бишӯем, худро аз чунин бемориҳо пешгирӣ карда метавонем.

Қоидаҳои умумии саломатӣ барои бемориҳое, ки дар рӯзҳои гарм рух медиҳанд, мавҷуданд. Дар ин ҳолат бояд бидуни интизории ташнагӣ зуд-зуд об нӯшид, аз матоъҳои табиӣ истифода бурд, сабук пӯшид ва сари луч ба кӯча набаромад.

Хӯрокҳои зуд ва осонҳазмшаванда, мева ва сабзавотро бояд бештар истеъмол кард. Субҳ ё шом бо машқҳои ҷисмонӣ ва варзишӣ машғул шуд. Хонаро хунук нигоҳ дошт, тирезаҳоро дар давоми рӯз пӯшид ва вақти шом кушод. Аз кондитсионер ва бодбезҳо мувофиқи қоида истифода кард.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**

# АЗ САБУКДӮШӢ НАҲАРОСЕД!

## (Андешаҳо пас аз ҷашни зодрӯз)

***Аслан рӯзи таваллуд низ барои инсон чун дигар рӯзҳои сол як рӯзи одиву муқаррарист. Онро ҳузури наздикону пайвандон, шодбошиҳову суханҳои пурмеҳри дӯстон, бародарон, ҳампешагон, устодону шогирдон, ки аз дуру наздик аз тариқи паёмакҳо, зангҳои телефонӣ ирсол мешаванд, аз дигар рӯзҳо имтиёз медиҳад, хушу гуворо ва пурнуру муҷалло мегардонад. Дарк мекунӣ, ки беҳуда зиндагӣ накардаӣ, маъние дар буданат ҳаст, барои дигарон ҳам аҳаммияте дорӣ, каме ҳам бошад, аз ҳастии худ дарак додаӣ.***

Марк Твен, нависандаи бузурги амрикоӣ дар боби моҳияти зиндагӣ андешае дорад, ба ин маънӣ: «Дар ҳаёти ту ду рӯзи аз ҳама муҳим ҳаст: яке он, ки ту ба дунё омадӣ, дигар он, ки чаро ба дунё омадани худро дарк кардӣ». Рӯзи дувум, ин ҷо ба назари ман муҳимтар аз рӯзи аввал аст, барои чӣ ба дунё омадану рисолати хешро дар ин умри гузарон дарк карда тавонистан, бешак бояд аҳаммиятноктар бошад. Фикр мекунам, дар 61-умин солгарди зодрӯз барои банда низ фурсате расида, ки сари рӯзи дувуми умр биандешам. Наққоши азал чӣ нақше бар сари ҳар банда навишта, худ медонаду бас. Чӣ миқдор аз умр рафтааст, медонем, аммо чӣ миқдор монда, кас намедонад. Тавре ки ҳунарманди нотакрор Аловуддин Абдуллоҳи зиндаёд шӯхиомез мегуфт: «Ман медонум, ки мемурум, аммо намедонум, ки кай мемурум?»

Аз ин нигоҳ қисмати беҳтарини он аз ҳафтсолагӣ то бистусесолагӣ сарфи таҳсил дар мактабу донишгоҳ, шашҳафт соли баъд кор дар идораҳои рӯзномаҳои тоҷикии Сурхондарё гардид ва бештар аз сӣ соли ахир бо заҳмати таълиму тадрис ва мудирияти мактаб паси сар шуд. Аз оғози соли 1999, ки ҳанӯз сиву чаҳор сол надоштам, то аввали соли 2024 – бештар аз чаҳоряк аср сарвари мактаби бонуфузи тоҷикии шумораи 29-уми ноҳияи Сариосиё будам, аз моҳи марти соли 2024 ба муддати бештар аз ду сол раҳбарии мактаби таҳсилоти миёнаи ҳамагонии шумораи 83-юми ҳамин ноҳияро ба зимма доштам, яъне дар маҷмӯъ бештар аз 27 соли умрам сарфи вазифаи хеле пурмасъулият ва серташвиши директорӣ гардид. Хуб буд ё бад, инро дигарон қазоват хоҳанд кард. Дар ин муддати тӯлонӣ барои ободонии мактаб, навсозиву таҷҳизонидани он, пешрафти таълиму тадрис, хусусан, гиромидошти забони модарӣ, фаҳмонидани афзалияти ба забони модарӣ таълим гирифтани фарзандон кӯшишҳое ба харҷ дода, аксаран муваффақ ҳам шудаам. Чандин нафар донишомӯзони мо дар озмунҳои фаннии забону адабиёти тоҷик дар сатҳи вилояту ҷумҳурӣ дастболо шуданд, даҳҳо тан аз онҳо дар донишгоҳҳои бонуфузи ватаниву хориҷӣ таҳсил гирифтаву мегиранд, чун мутахассисони варзида ба нафъи халқу ватан хидмат мекунанд...

Ва инак, аз вазифа сабукдӯш гардидам. Дар мавриди вожаи «сабукдӯш» андак таваққуф мекунем. Шояд бархе ба ин вожаи соф форсии тоҷикӣ, ки як навъ мақоми истилоҳи ҳуқуқӣ дорад, назари манфӣ дошта бошанд. Ман низ қаблан нисбати он чандон хушбин набудам. Аммо, бовар кунед, пас аз он ки чунин тасмим гирифтаму роҳбариро супурдам, воқеан ҳам худро хеле сабуку болидарӯҳ ҳис мекунам. Гӯё аз дӯшам як бори бағоят гароне сангин фуруд омадааст.

Дӯстам, омӯзгори донишманд Давлатбой Маҳмудов гоҳе як ҳикмати зайлро ба забон меоварад ба ин маънӣ, ки: «Аспи бидав ҳам бояд лаҳзаи бозистодану ором гирифтани худро донад, вагарна миёнашро лат хоҳад дод»...

**Турдиқул ҲАСРАТОВ,**
*ноҳияи САРИОСИЁИ*
*вилояти СУРХОНДАРЁ.*

*Ба истиқболи 35-солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Ӯзбекистон*

# ОИЛА – ПОЯИ ҶАМЪИЯТ



***Тазаккур бояд дод, ки дунёи сиёсат саршори тазодҳост. Танҳо нафаре метавонад аз ин мушкилоти печидаи ҳаёт вораста бошад, ки бо таҳаммул ва сабру андеша, бо ному кори нек ибрати дигарон бошад. Бинобар сиёсати дурандешонаи сарвари давлат ҳоло дар ҷумҳурӣ бисёр бонувони роҳбар рӯйи кор омаданд, ки содиқонаву бо дасту дили пок ба халқу Ватан хидмати шоиста мекунанд. Мадина БАРОТОВА аз чунин бонувон аст. Ин зани ҳалиму кушодачеҳраро дар ноҳияи Самарқанд қариб ҳама мешиносанд, эҳтиром мекунанд. Ӯ ҷонишини ҳокими ноҳия – бо масъалаҳои вобаста ба занону духтарон машғул мебошад.***

Ҷиддият нисбати вазифа, ҳунари гӯш карда тавонистан дар табиати Мадина Баротова ҳастанд, аз ин рӯ чун ходими давлатӣ дар сохторҳои гуногуни роҳбарӣ фаъолияти пурсамар бурдааст.

Барҳақ, табиат Мадинабону Муъминҷоновнаро гӯё маҳз барои он, ки бонуи сарвар ва аҳли сиёсат бошад, офаридааст.

Пас аз он, ки ӯро ҷонишини ҳоким оид ба масъалаҳои кор бо занон ва оила дар ноҳияи Самарқанд таъин карданд, аз ин навид, пеш аз ҳама бонувони ноҳия хушҳол шуданд. Охир ӯ мушкилоту муаммоҳои эшонро медонад ва бешубҳа, ҳаллу фасл хоҳад кард.

Мо борҳо шоҳиди он шудем, ки бонувони бешумор бо чашми гирёну дили бирён наздаш омада, дарди дил мегуфтанд ва ӯ саъй мекард, ки муаммоҳои онҳо ҳалли худро ёбанд.

Мадинабону Муъминҷоновна ҳанӯз дар мактаби миёна ва сипас ҳангоми таҳсил дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд пешоҳанг ва сарвари ташкилоти ҷавонон буд. Баъдан дар Шӯрои занону духтарон истеъдоди худро намоиш дода, ба зинаҳои баланди роҳбарӣ расид.

– Ҳамаи ин самараи меҳнати содиқона, талошҳо барои расидан ба мақсад аст, – мегӯяд бо табассуми ширин Мадинабону. – Воқеан агар кас дар роҳи расидан ба мурoди дил бо қатъият,ҷиддӣ кӯшиш намояд, албатта ба орзуяш мерасад.

Нақши бонувон дар ташаккули ҷомеаи муосир, пешрафти иқтисодиёту иҷтимоиёт, маорифу фарҳанг, солимии муҳити оила хеле назаррас аст. Бинобар ин сиёсати давлатии кор бо занон ва оила дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти ноҳияи мо аз масъалаҳои густурдаву муҳим мебошад.

Ҷиҳати татбиқсозии ин иқдом ба шарофати Фармони Президент «Дар бораи чораҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» ба комёбиҳои баланд муваффақ шудем.

Айни замон, силсилаи чорабиниҳо, аз қабили «Зан – оинаи рӯзгор», «Кадбонуи беҳтарин», «Оилаи солим – бақои ҳастии миллат», «Дастони гулпарвар» ва ғайра мунтазам амалӣ мешаванд. Фаъолияти «Маркази ҳаёти солим» низ шоистаи таҳсин мебошад. Ҳоло ташкилоти мазкур беш аз 2 ҳазор аъзо дорад. Дар раванди фаъолияти кори марказ бобати масъалаҳои ақди никоҳ, ситондани алимент, таъмини боадолатонаи манзил, тақсимоти амвол, ҷобаҷокунии кӯдакон ва ғайра кумакҳои ройгони ҳуқуқиву тиббӣ амалӣ шудаанд.

– Оре, паранда бо пару болаш, инсон бо ҳамдиливу ҳамфикрӣ ба муроди дил мерасад, – мегӯяд Мадинабону, – хушбахтона муяссар гардид, ки якҷо бо раисони шӯроҳои занону духтарони маҳаллаҳои Деҳнав, Рустам,Ҷӯи сой, Гулбоғ, Оқмасҷид, Равонак, Чордара ва ғайра дар озмунҳои вилоятӣ ва ҷумҳурӣ ширкат варзида, соҳиби ҷойҳои фахрӣ шавем.

Мутаассифона, камбудиҳо низ ҳастанд. Чанде пеш маълумот оид ба талоқ дар ҷумҳурӣ эълон гардид. Дар ин самт Самарқанд баъди Тошканд дар ҷойи дуюм қарор дорад, ки ин албатта, моро нигарон мекунад.

Ҳоло танҳо дар ноҳиямон 127 оилаи нооком ба рӯйхат гирифта шудаанд.

– **Сабаб чист?**

– Фарҳанги оиладорӣ дар байни ҷавонон ноҷӯр аст, ки паёмадаш шикасти хонаводаҳост. Мо дар воҳӯрӣ бо мардум борҳо такрор мекунем, ки нахуст, пеш аз ташкил намудани оилаи нав, бояд арӯсу домод аз ташхиси табибон гузаранд ва муайян намоянд, ки ҳаёти ояндаи онҳо аз ҷиҳати мутобиқати ирсӣ зери хатар аст ё на.

Боз як масъалаи муҳим, барои мустаҳкам нигоҳ доштани оила арӯсу домод бояд бо фарҳанги оиладорӣ ошно бошанд.

Пӯшида нест, ки баъзе арӯсон аз ӯҳдаи иҷрои баъзе шуғлҳои асосии оиладорӣ, аз қабили тозаву озода нигоҳ доштани манзили зист, пухту паз, дарзу дӯз ва ғайра намебароянд. Дар чунин ҳолат хушдоман бояд пуртаҳаммул бошад, шаъну шарафи арӯсро дар байни оила паст назанад, балки баръакс камбудии ӯро бо лаҳни нарму маслиҳатомез ислоҳ кунад. Аз рӯйи мушоҳида ва таҷриба медонем, ки баъзе шахсон бо тақлид ба дигарон бо қарз маъракаҳои пурдабдаба гузаронида, ба коҳиш ёфтани оилаҳои навбунёд сабаб мешаванд, яъне ба «кӯрпаи худ нигоҳ карда по дароз намекунанд». Зеро сарф кардани пулу маблағ осон, аммо ёфтани он душвор аст.

Хуб мешуд, оилаҳои нав пурсабру батоқат бошанд.

Танҳо меҳру муҳаббати самимӣ, эҳтироми байниҳамдигарӣ метавонад риштаҳои дӯстии ҳар оиларо қавӣ кунад, соҳиби ҳам бахту ҳам тахт намояд.

Ҳаёти инсон собит кардааст, ки бе ёри вафодор на умр лаззат дораду на дар зиндагӣ роҳат ҳаст.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

Маркази миллӣ-мадании тоҷику форси «Офтоби суғдиён»-и вилояти Бухоро ба доктори улуми таърих, профессор Комилҷон Раҳимов нисбати вафоти падараш

**Раҳматҷон РАҲИМОВ**

ҳамдардии амиқ изҳор менамояд.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-728.
Адади нашр 2045. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Т. Тӯхтаев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 01.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.